# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимояи якдафъаина барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои** 12.00.01 **ва** 12.00.02

Парвандаи аттестатсионии № _______

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 06 майи соли 2023, таҳти №28 дар бораи сазовор донистани Исозода Парвиз Асадулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 18.02.2023, суратмаҷлиси №18 аз ҷониби Шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2023, таҳти №13/хя) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исозода Парвиз Асадулло 25-уми марти соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ аз соли таҳсили 2016-2017 то ҳол ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Аз 4-уми январи соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои ҳимояшаванда ба тариқи буҷавӣ қабул гардидааст (фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 4-уми январи соли 2017, №01-05).

Мавзуи диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи шурои олимони факулети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (23-юми январи соли 2017, №5).

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 13.11.2021 сол, таҳти №144 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Таърих ва фалсафаи илм – 5 «аъло», 09.12.2020 с.
2. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 4 «хуб», 06.03.2021 с.

3. Ихтисос – 12.00.01 – 5 «аъло», 13.05.2021 с.

4. Ихтисос – 12.00.02 – 5 «аъло», 25.09.2021 с.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаҳои он борҳо муҳокима карда шуда, ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси №1 аз 28-уми августи соли 2022). Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ ва ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 10 сентябри соли 2022 муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Раҳмон Дилшод Сафарбек** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Мушовири илмӣ:**

**Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввали директори иҷроия, муовин оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар ш. Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

**Буризода Эмомалӣ Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Юсуфзода Акмал Ҳотам** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе), ки аз ҷониби ташхисгар мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Элназаров Д.Х. омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Кравченко О.В. ва котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Шоисматуллаева Ф.Ш. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктои илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.Қ. санаи 03.04.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**


1. Исозода, П. Мафҳуми маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд / П. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 2/7. – С. 263-266; ISSN 2413-5151.

2. Исозода, П.А., Диноршоев, А.М. Таснифи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / П.А. Исозода, А.М. Диноршоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – № 2/10. – С. 209-213; ISSN 2413-5151.

3. Исозода, П.А., Диноршоев, А.М. Характеристика прав и свобод граждан по законодательству Республики Таджикистан / П.А. Исозода, А.М. Диноршоев // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 2/10. – С. 209-214; ISSN 2413-5151.

4. Исозода, П. Мақсади маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳои шахс аз нигоҳи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / П. Исозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – № 5. – Қ. 2. – С. 227-231; ISSN 2413-5151.

5. Исозода, П.А., Рахмон, Д.С. К вопросу о понятии ограничения прав человека / П.А. Исозода, Д.С. Рахмон // Государствоведение и права человека. – 2020. – № 2 (18). – С. 48-61; ISSN 2414 9217.

6. Исозода, П.А., Искандаров, Ш.Ф. Асосоҳои маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / П.А. Исозода, Ш.Ф. Искандаров // Қонунгузорӣ. – 2022. – №2 (46). – С. 35-41; ISSN 2410-2903.

7. Исозода, П.А. К вопросу о понятии и признаках ограничений прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан / П.А. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 2 (06). – С. 62-63; ISSN 2414 9217.

8. Исозода, П.А. Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо мақсади таъмини ахлоқи ҷомеа / П.А. Исозода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба

«Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ», Ҷилди II. – Душанбе, 2018. – С. 212-216.

9. Исозода, П.А. Амнияти давлат ҳамчун асоси маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд / П.А. Исозода // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 98-102.

10. Исозода, П.А. Аҳамияти маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд / П.А. Исозода // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» (10 декабри соли 2019). – С. 156-162.

11. Исозода П.А., Диноршоев, А.М. Теоретические аспекты понятия ограничений прав человека / П.А. Исозода, А.М. Диноршоев // В сборнике: Конституционные ценности и ценность Конституции. Материалы круглого стола с международным участием, проводимого в рамках XV Фестиваля науки города Москвы. – 2020. – С. 177-185.

12. Раҳмон, Д.С., Исозода, П.А. Мафҳум, асосҳо ва ҳудуди маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар вазъияти фавқулода / Д.С. Раҳмон, П.А. Исозода // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 19-26.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Аминҷонов А.Х.** – мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Ғафурзода А.Д.** – ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Наботов С.Х.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори ҳуқуқ (PhD).

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба мафҳуми маҳдудкунии ҳуқуқи инсон, тартиби амалисозии маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон дар санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, аломатҳои маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон ва монанди ин масъалаҳоро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Щамчунин, интихоби мукарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онхо аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқук ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– мафҳуми «маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд»-ро муайян намудааст;

– принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тавсиф кардааст;

– унсурҳое, ки механизми ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар бар мегирад, таҳлил намудааст;

– асос, мақсад ва ҳудуди маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муфассал тавсиф намудааст;

– намудҳои маҳдуднамоии ҳуқуқиро тасниф намудааст;

– воситаҳои асосии маҳдуднамоии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон таҳлил намудааст;

– шарт, имконият ва шаклҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар вазъияти фавқулодаро мушаххас намудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

– Маводи рисола дар маҷмуъ барои омӯзиш ва таҳкими минбаъдаи маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ташаккули назарияи муосири ҳуқуқи инсон ва талаботи ташкили механизми самарабахши татбиқу таъмини онҳо дар Тоҷикистон пешбинӣ мешавад;

– Як зумра муқаррарот, ки дар рисола ба таври бевосита ва (ё) бавосита оварда шудаанд, ки барои ташаккули донишҳои умуминазариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионӣ дар соҳаи вазъи ҳуқуқии шахс хизмат менамоянд;

– Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили низоми ҳуқуқии миллӣ дар алоқамандӣ бо дастовардҳои кишварҳои хориҷӣ, таҳкими арзишҳои демократӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон истифода шаванд;

– Бобати такмил додани масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои баррасишаванда, пешниҳодҳои мушаххас баён гардидааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта**, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба монанди

диалектикӣ, низомнок, таркибӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва расмӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ба мисли С.А. Авакян, А.С. Автономов, З.М. Ализода, С.С. Алексеев, М.И. Байтин, Н.В. Витрук, Л.Д. Воеводин, А.М. Диноршоҳ, В.Д. Зоркин, Ш.Ф. Искандаров, А.И. Имомов, В.А. Карташкин, Е.И. Козлова, А.И. Ковлер, О.Е. Кутафин, Е.А. Лукашева, В.О. Лучин, Ҷ.М. Зоир, И.Қ. Миралиев, А.В. Малко, Н.И. Матузов, В.С. Нерсесянс, А.С. Пиголкин, Т.Н. Радко, Ф.М. Рудинский, И.И. Саидзода, Б.А. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, Б.Н. Топорнин, В.А. Туманов, Г.И. Тункин, А.Ғ. Холиқзода, В.Е. Чиркин, В.А. Четвернин, Б.С. Эбзеев, Л.М. Энтин ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

– Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои онро метавон дар таҳияву таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқии танзими маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон истифода намуд;

– Инчунин, баҳри баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандону шахсони алоҳида ҷиҳати татбиқ ва таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо дар Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард;

– Мавод, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар ҷараёнитаълими фанҳои ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ барои бакалаврҳо ва магистрони факултетҳои ҳуқуқшиносӣ, инчунин барои омода намудани мутахассисон барои супоридани имтиҳони тахассусӣ истифода шаванд;

– Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи инсон, назарияи давлат ва ҳуқуқ, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон курсҳои махсус, ба монанди «Ҳуқуқи занон», «Ҳуқуқи кӯдак», «Ҳуқуқи гуреза», «Ҳуқуқи муҳоҷирон» инчунин ҳангоми навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ, магистрӣ, дипломӣ ва воситаҳоитаълимӣ, истифода мешаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҷдиди маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асос меёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** чунин муайян карда мешавад: натиҷаҳои илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла, пешниҳодҳои назариявӣ, хулосаҳо, навгонии асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд; асоснок ва тарҳрезӣ намудани тавсияҳои амалии бадастоварда аз ҷониби муаллиф манзур шудааст.

Дар маҷлиси якдафъаинаи Шурои диссертатсионӣ аз 06-уми майи соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Исозода Парвиз Асадулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2023, таҳти №13/ҳя тасдиқ гардидааст, 10 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 9 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 10 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**06 майи соли 2023**